**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба тадқиқи диссертатсионии Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи «Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.05 Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсионӣ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарварӣ, зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот, таъмин намудани яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар-амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ 30 декабри соли 2015 қарори нав таҳти рақами № 793 оиди “Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул намуд. Тибқи нақшаи он бояд дар мӯҳлати 5 сол дар масоҳати 20153 гектар боғҳои нави замонавӣ аз он ҷумла 500 гектар боғҳои интенсивӣ дар заминҳои талу теппаҳои бо намнокии табии таъмин ва шартан обёришаванда дастури муҳиме дар соҳаи боғдории Ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳимияти омӯзиши навъҳои нави интродуксионии гелос дар шароити ҷумҳурӣ ба мо имкон медиҳад, ки аломатҳои арзишнокӣ онҳоро муайян намуда навъҳои серҳосил ва сифати меваашон баландро барои селексия ва истеҳсолот, интихоб намоем.

Аҳамияти ғизоию шифои ва иқтисодии навъҳои интродуксионии гелосро, ки як қисмати минтақаҳои боғдории ҷумҳурӣ барои парвариши ин мева мувофиқ аст, ба назар гирифта мавзуи тадқиқотиро таҳрези намуда, иҷро кардем.

Исмоилова Раҳима Исроиловна соли 2010 ба факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2015 бо ихтисоси 1-740204-

Меваю сабзавот ва ангурпарварӣ хатм намуда, ба Ӯ касби олим агроном дода шудааст.

Соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дохил шуда, онро бо ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ соли 2020 хатм намудааст.

Исмоилова Раҳима Исроиловна баъд аз хатми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ба ҳайси омӯзгор то ин ҷониб кор ва фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Исмоилова Раҳима Исроиловна аз муқаддима 5 боб, 24 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи тадқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум- Таҳлили адабиёт дар 7 зербоб оид ба пайдоиш ва минтақаҳои парвариш, хусусиятҳои биологӣ, аҳамияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ ва таркиби химиявии навъҳои интродуксионии гелос маълумот дар ҳаҷми 35 саҳифа оварда шудааст.

Дар боби дуюм - шароит маводҳо ва методикаҳои гузаронидани таҷрибаҳо дар се зербоб дар ҳаҷми 21 саҳифа дарҷ шудааст. Таҳлили шароити обу хавои солҳои 2017-2019 гузаронидани тадқиқот дар шароити водии Ҳисор нишон дод, ки макони гузаронидани таҷрибаҳо барои гузаштани марҳилаҳо фенологӣ навъҳои интродуксионии гелос мусоид буд. Он имконият дод, ки ҳамаи корҳои ба нақша гирифта шуда дар мӯҳлати муқарраршуда анҷом дода шаванд. Муайян гардид, ки ҳоки минтақаи таҷрибавӣ ба гурӯҳи хокҳои ҳосилнокиашон миёна мансуб буда барои парвариши навъҳои гелоси интродуксионӣ мувофиқ аст.

Объекти тадқиқот аз 9 навъи интродуксионии гелос: Апрелька, Валерий Чкалов, Мелитопольская ранняя, Наполеон розовый, Валовая, Удача, Дрогана жёлтая, Регина, Крупноплодная, ки пайдоишашон муассисаҳои гуногуни илмии кишварҳои гуногун мебошанд иборат буд.

Боғи коллексионӣ соли 2012 бунёд карда шудааст. Барои омӯзиши муқоисавӣ ҳамчун навъи назоратӣ барои навъҳои пешпаз навъи Апрелька барои навъҳои миёнапаз навъи Наполеон розовый ва барои навъҳои дерпаз навъи Дрогана желтая, интихоб карда шуд. Дар таҷриба 2 вариант бо 3 такрорӣ истифода карда шуд, дар ҳар як такрорӣ мутобиқ ба барнома методикаи санҷиши навъҳои дарахтони мевадиҳанда бо нақшаи 5Х5 м. шинондашуда(400 бех/га), зери омӯзиш қарор гирифтанд. Ҷойгиршавии вариантҳо системавӣ буд.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дарҷ шуда, хусусиятҳои гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои интродуксионии гелос, оғози нашъунамо, гулкунӣ, пухтарасии мева, анҷоми давраи нашъунамо ва давомнокии он, устувории навъҳои интродуксионии гелос ба хушкӣ, баҳодиҳии навъҳои интродуксионии гелос ба касалиҳои занбӯруғӣ ва дараҷаи зарарёбии онҳо аз ҳашаротҳои зараррасон, устувории навъҳои интродуксионии гелос ба касалии клястероспориоз, устувории навъҳои интродуксионии гелос ба касалии монилиоз, дараҷаи зарарёбии навъҳои интродуксионии гелос аз ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокии навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор, баҳодиҳии навъҳои интродуксионии гелос аз рӯи аломатҳои помологӣ, баҳодиҳии таркиби химиявии навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор, аҳамияти навъҳои интродуксионии гелос барои селексия, самаранокии иқтисодии нигоҳубини навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор, бо 14 зербоб дар ҳаҷми 55 саҳифа оварда шудааст. Натиҷаи тадқиқотҳои гузаронида шуда муайян намуд, ки навъҳои Валерий Чкалов, Валовая, Регина ва Крупноплодная бо

маҷмӯи аломатҳои арзишноки селексионӣ аз байни навъҳои зери омӯзиш қарордошта ҷудо гардиданд.

Дар боби чорум- самаранокии иқтисодии нигоҳубини навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор дар ҳаҷми 3-саҳифа оварда шудааст. Арзиши навъҳои омӯхташудаи интродуксионии гелос бо баҳодиҳии самаранокии иқтисодии он, ки арзиши аслӣ, фоида, даромаднокӣ ва дигар нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад, муайян карда мешавад.

Самаранокии иқтисодии парвариши навъ аз фоиданокии 1 гектар боғ ва дараҷаи даромаднокии он иборат аст. Ҳамин тавр да шароити «Боғи миллӣ»-и водии Ҳисор бо дараҷаи баланди нишондиҳандаи даромаднокӣ навъҳои пешпази Валерий Чкалов, миёнапази Наполеон розовый, Валовая, дерпази Регина ва Крупноплодная, ҷудо гардиданд.

Омӯзиши самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои интродуксионии гелос дар “Боғи миллӣ” водии Ҳисор муқаррар намуд, ки бо хараҷотҳои на чандон зиёд ҳосили баланд ва даромадноки зиёд ба даст овард.

Боби панҷум – баррасии натиҷаҳои тадқиқот ки аз 12 саҳифа иборат мебошад оварда шудааст. Кори диссертатсионии мо дар мавзуи “Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисори Тоҷикистон” мебошад. Бо назардошти мавзуи кори диссертатсионӣ зиёда аз 160 сарчашмаҳои илмӣ, ки бевосита ба самти тадқиқот мансуб буд, таҳлил карда шуд.

Тадқиқот ва мушоҳидаҳои асосӣ тибқи Барнома ва методикаи расман тасдиқгардидаи омӯзиши навъҳои дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳова методикаҳое, ки ба мавзуи диссертатсия вобастагӣ доранд, гуазаронида шуданд. Обекти тадқиқот аз 9 навъи интродуксионии гелос иборат буд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ методӣ ва таҳлили мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашр гардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Исмоилова Раҳима Исроиловна мавзуи "Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор" дар шароити водии Ҳисор ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ — Назиров Ҳ.Н.
"08" августи соли 2025

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21а
Телефон: (+992) 221-15-43
E- mail: tashn@mail.ru) www.taas.tj

Имзои Назиров Ҳ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадрҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ — Музафарова М.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ноҳияи Рӯдакӣ ҷамоати деҳоти Гулистон,
деҳаи Болошаҳр хонаи 18
телефон: (+992) 937881330
E-mail:bogparvar@mail.ru
«08» августи соли 2025